**Тақризи**

**роҳбари илмӣ, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Ш.П.Бердиев ба диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. - таърихи фалсафа**

Ҳақиқатан, диссертант барҳақ қайд мекунад, ки таърихан қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон бо вуҷуди ҷабри зиёди таърих асолати маънавии худро бо воситаи забон, расму оин, илму фарҳанг ва арзишҳои волои ахлоқӣ нигоҳ дошта, рушду такомул доданд ва бо ин васила худро ба ҷаҳониён ҳамчун як миллати тамаддунофар муаррифӣ карда тавонистанд. Чунки илму маориф, фарҳанг ва унсурҳои муҳимми он дар ҳама давру замонҳо нишони тамаддун ва таъриху фарҳанги ҳар як давлату миллат мебошанд. Аз ин рӯ, эҳёи тафаккури миллӣ, ба хусус эҳёи фарҳангу тамаддуни ориёӣ ва дар заминаи он рушд ва такомул додани фарҳангу тамаддуни муосир воситаи муҳимму муассири худогоҳӣ, ҳуввияти миллӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии нави миллӣ мебошад. Хусусан, ахлоқ ва эҳёи арзишҳои ахлоқии ниёкон, ки дар баробари тадбири манзилу сиёсати мудун ҷузъи фалсафаи амалӣ мебошад, метавонад дар танзими рафтору амали инсонҳо, ҳалли мушкилоти ҷамъиятии ҷомеаи муосир нақши муассир бозад, аммо ин мавзуъ то ҳол камомӯхта мебошад. То имрӯз вижагиҳои низоми давлатдорӣ, хусусан этикаи аҳди Сосониён ба таҳқиқ ниёз дорад. Бинобар ин, омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни этикаи аҳди Сосониён аз назари илмию фалсафӣ дорои аҳамият ва арзиши хосса дорад. Он аз ҷониби диссертант дар доираи се нуктаи муҳим асоснок карда мешавад:

- аввалан, аз он мавқеъ, ки этикаи аҳди Сосониён дар пояи се рукни ахлоқии оини маздопарастӣ, дини зардуштия: пи́ндори нек, гуфтори нек ва кирдори нек маншаъ мегирад. Дар ин замина Сосониён дар низоми давлатдорӣ принсипҳои адолати иҷтимоӣ, баробарии иҷтимоии тамоми қишрҳои аҳолиро новобаста аз мансубияти динию нажодӣ, ки аз ин се рукни ахлоқӣ маншаъ мегиранд, таъмин карда, ба як давлати пуриқтидор, ки аз як маркази воҳид идора карда мешуд, табдил ёфтанд. Аз ин рӯ, истифода ва татбиқи усулҳо ва принсипҳои низоми идоракунии давлатдории Сосониён барои ҷомеаи муосир, аз ҷумла давлатории миллии тоҷикон дар мавриди расидан ба арзу доди шаҳрвандон, одилона ва оқилона ҳаллу фасл намудани низоъу бархурдҳо, роҳ надодан ба тафриқаандозии маҳаллӣ, минтақавӣ, миллию нажодӣ, вусъат бахшидани ҳамкориҳои илмию фарҳангӣ, эҳёи расму оин ва ҷашну мароисми миллӣ ва ғайра вижагии хосси худро дорад;

- дуюм, андешаҳои ахлоқӣ, фалсафӣ ва принсипҳои давлатдории аҳди Сосониён, ки дар заминаи китоби “Авесто” ташаккул ёфта, дар навъҳои гуногуни мероси хаттӣ: достонҳо, корномаҳо, андарзномаҳо, қитъаҳо ва ғайра инъикос ёфтаанд, ба таври зарурӣ таҳлилу таҳқиқи худро наёфтаанд. Бинобар ин, мавриди таҳлилу муқоиса қарор додани мавзуҳои ахлоқии ёдгориҳои хаттии аҳди Сосониён, ки тарғиби некӣ, адолат, ростӣ, покизагӣ, таҳаммулгароӣ, дасти мадад расонидан ба ниёзмандон, донишандӯзӣ, эҳтиром ба волидайн, устод, дурӯғгӯӣ накардан, кинаву бухл напарваридан, беасос шахсеро таҳқир ва маломат накардан, побанди нафс набудан ва ғайраро ташкил медиҳанд аз рӯзмарра будани масъалаи мазкур гувоҳӣ медиҳад;

- сеюм, вобаста ба вазъи пуртаззоди ҷаҳонишавӣ, бархурди тамаддунҳо, рушди бемайлони технологияву воситаҳои қабул ва интиқоли иттилоъ ва омезиш ёфтани арзишҳои фарҳангӣ дар ҷомеаи муосир, хусусан, дар ҷомеаи Тоҷикистон падидаи бегонашавии фарҳангҳо (муошират, тарзи интихоб ва ба бар кардани либосҳои ғайримиллӣ, муносибатҳои оилавӣ ва ғайра), коста гардидани ахлоқ, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, ки ба амнияту суботи ҷомеа, устувории ваҳдати миллӣ, ҳамбастагии иҷтимоӣ монеа эҷод мекунанд, мушоҳида мешаванд, зарурат ро ҷиҳати рӯй овардан ба омӯзиш ва эҳёи арзишҳои ахлоқии давлатдории Сосониён бештар мекунад. Таҳқиқи ин ҷанбаҳои мавзуи мазкур аз мубрам будани пажӯҳиши он дарак медиҳад.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия муаллиф сарчашмаҳои аслӣ, мероси хаттии аҳди Сосониён, асарҳои зиёди илмӣ-таҳқиқотӣ, мақолаҳои арзишманди муҳаққиқон ва олимони хориҷию ватаниро оид ба ҷанбаҳои мухталифи мавзуъ омӯхта, таҳлил карда, барои риоя кардани низомнокӣ, мантиқан ҷо ба ҷо кардани бобҳою зербобҳои диссертатсия аз онҳо самаранок истифода бурдааст. Аммо дар тафриқа аз таҳқиқотҳои анҷомёфта омӯзиш ва аз ҷанбаи методологӣ таҳқиқ кардани масъалаи ташаккули ахлоқу одоби давлатдории Сосониён ва нишон додани таъсири он дар низоми давлатдории марҳилаҳои минбаъдаи таърихӣ, хусусан замони муосир аз дидгоҳи нави муаллиф далолат мекунад

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2015-2020 ва 2020-2025, ки ба омӯзиши масъалаҳои мубрами фалсафӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони муосир равона шудаанд, мустақилона таҳия ва ба иҷро расонида шудааст.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи каримов Қ. С. дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён” ба номи

мавзуъ пурра мувофиқ буда, ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа дуруст меояд. Тадқиқот ба талаботи Феҳрасти ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешавад ва бо қарори Раёсати КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, № 5/2 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Мақсади кори диссертатсионӣ** омӯзиш ва таҳқиқи ахлоқ ҳамчун шохаи фалсафаи амалӣ дар аҳди Сосониён ва нишон додани аҳамият ва арзиши он дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Иҷрои вазифаҳои пешгузошташуда дар доираи талаботи мақсади таҳқиқот ба низом даровarда шудаанд.

**Объекти таҳқиқот** - этика - шохаи фалсафаи амалӣ дар низоми донишҳои фалсафӣ ба ҳисоб рафта, **предмети таҳқиқотро** ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён ташкил медиҳад, ки аз ҷанбаи назариявӣ ва методологӣ якдигарро такмил медиҳанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** аз он иборат аст, ки аввалин бор дар шакли маҷмуӣ ва низомнокӣ фалсафаи ахлоқ дар аҳди Сосониён мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, аҳамият ва арзиши он дар низоми давладории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот ба таври мушаххас дар чунин натиҷаҳо инъикос ёфтааст:

- таърихи ташаккул, фаҳмиш ва шарҳи фалсафии мафҳуми этика дар низоми давлатдории Сосониён муайян гардидааст;
- нақши ахлоқи зардуштия, ки дар низоми давлатдории аҳди Сосониён ҳамчун кафили адолат ва баробарии иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, таҳқиқ ва муайян карда шудааст;
- дар заминаи сарчашмаҳо ва адабиёти фаровони илмӣ нақши Академияи Гунди Шопур дар ташаккули донишҳои илмӣ ва таҳаввули муносибатҳои ахлоқии давраи Сосониён нишон до́да шудааст;
- “Корномаи Ардашери Бобакон” ҳамчун сарчашмаи муътамади таърихӣ ва ахлоқии аҳди Сосониён мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқи фалсафӣ муайян шудааст;
- ҷойгоҳи ахлоқ ва баррасии масъалаҳои ахлоқӣ дар мероси хаттии аҳди Сосониён муайян карда шуд;
- аҳамият ва арзиши этикаи Сосониён дар ташаккули низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шудааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ, хулосаю тавсияҳои амалии бадастомадаро метавон ҳангоми мушаххас кардани заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккул ва таҳаввули ахлоқ ҳамчун шохаи илми амалӣ ба

таври васеъ истифода намуд. Илова бар ин, маводи коркардшуда, натиҷаҳои илмӣ-амалии бадастомадаро метавон ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, матни мухтасари лексияҳо, маҷмуаҳои таълимӣ-методӣ, дигар воситаҳои таълимӣ аз фанҳои таърихи фалсафа, ахлоқ, этикаи коргузорӣ, фарҳангшиносӣ, сотсиологӣ истифода намуд. Инчунин, истифодаи хулосаҳои назариявӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар раванди баргузор кардани корҳои тарбиявӣ, ташвиқотӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи худшиносии миллӣ, арҷ гузоштан ба арзиш ва муқаддасоти миллӣ, пешгирӣ аз таассубу хурофот ва ғайра аз манфиат холӣ намебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кори илмие мебошад, ки аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудааст. Дар раванди пажӯҳиши мавзуъ диссертант дар асоси такя ба маъхазҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои муътамад муваффақ гаштааст, ки заминаҳои ғоявӣ, иҷтимоӣ-сиёсии ташаккулёбии этикаро ҳамчун шохаи илми амалӣ дар аҳди Сосониён, ҷойгоҳи ахлоқ ва таҷассуми категорияҳои ахлоқиро дар ёдгориҳои хаттӣ, аҳамият ва арзиши этикаи Сосониёнро дар низоми давлатдории миллии ҷомеаи муосири Тоҷикистон пешниҳод намояд. Натиҷаҳои бадастовардаи назариявӣ, хулосаҳо, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо бевосита дастоварди илмии муаллиф ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти рисолаи илмӣ дар се мақолаи илмӣ, ки дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таб расонида шудаанд, ки инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чоп шуда ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, пурра мувофиқат менамоянд ва мӯҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар рисола мавҷуданд, инчунин нашрияҳо тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ пешниҳод карда шудаанд.

Ҳамзамон, диссертант дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ иштирок ва маърузаҳо намудааст. Масалан диссертант дар конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Бистсолагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму

маориф (солҳои 2020-2040), 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи “Ҳикмати ахлоқии Корномаи Ардашери Бобак” (22 апрели соли 2021), конференсияи илмӣ-амалии байнимактабҳои олии “Философское осмысление проблем инновации в современном таджикском обществе” дар Донишгоҳи Руссия ва Тоҷикистон (Славянӣ) дар мавзуи “Этика Сасанидов: традиция и инновация” (28 ноябряи соли 2023) ва дар конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалӣ дар ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ дар мавзуи “Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ” бахшида ба 1800 солагии таъсисёбии давлати Сосониён бо мавзуи “Бозтоби ахлоқ ва баррасии масъалаҳоии ахлоқӣ дар ёдгориҳои хаттии замони Сосониён” (26 апрели 2024) бо маърузаҳо баромад намудааст. Диссертатсияи Каримов Қиёмиддин Саидвалиевич дар мавзуи “Ҷойгоҳи фалсафаи ахлоқ дар низоми давлатдории Сосониён” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа кори мустақилона анҷомдодаи муаллиф буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти
кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии
ДДОТ ба номи С.Айнӣ
E-mail: shokhnazar@mail.ru
734003, ҶТ, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121.
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ.
Тел: 935008547 Ш.П.Бердиев

Имзои Ш.П.Бердиевро тасдиқ мекунам
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ А.Мустафозода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

11.04.2024